**ТДУ 338.431 (575.3)**

# МЕХАНИЗМҲОИ ИДОРАКУНИИ ХАВФУ ХАТАРҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

**Баротзода Ш.М.** – н.и.и., ДДБ ба номи Н Хусрав.

***Калимаҳои калидӣ:*** *идоракунӣ, хатар, сармоягузорӣ, корхона, механизм, кишоварз, номуайянӣ, таҳлил, эҳтимолият, иттилоот, истеҳсолот, маҳсулоти кишоварзӣ.*

Фаъолияти сифатноки низоми идоракунии хавфу хатарҳо ба сатҳи иҷроиши як қатор мақсадҳои идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ вобастагӣ дорад. Дар навбати худ, системаи идоракунии хавфу хатарҳо барои тамоми фаъолияти идоракунӣ асос ёфтааст, ки дар асоси он стратегияи идоракунӣ ва системаи назоратиро ташкил медиҳанд.

Ҳангоми сохтани системаи идоракунии хавфу хатарҳо бояд ба назар гирифт, ки бартарафсозии номуайянӣ вазифаи асосӣ набуда, балки ташкили механизмест, ки имконияти таъмини самаранок ва пешбурди фаъолияти корхонаи кишоварзиро дар шароити номуайянӣ муҳаё месозад. Ба ибораи дигар, ташкили системаи мулоими лобӣ (тарафдорикунанда) бо истифодаи оқилонаи имкониятҳои пешниҳодшуда вазифаи асосӣ мебошад. Вазифаи бартарафсозии номуайянӣ ва аз байн бурдани он танҳо як зерсохтори системаи идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ мебошад. Ҳангоми ҳалли масъалаҳои бетарафии номуайянӣ, чуноне, ки дар боло ишора шуд, иттилоот ва ахборот аз нуқтаи назари имконпазир сохтани ҳалли муносиб дар системаи идоракунии хавфу хатарҳо муҳим мебошад. Дар корхона, албатта, базаи зарурӣ дар бораи хавфу хатарҳо ва тадбирҳо барои идоракунии онҳо бояд таъсис дода шавад. Истифодаи усули умумии консептуалии идоракунии хавфу хатарҳо, ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти зарурӣ аз татбиқи ин гуна система, ки ба хатарҳо вобаста аст, на танҳо натиҷаҳои манфии эҳтимолии онро бартараф ё ҷуброн менамояд, балки имконияти гирифтани баргардонии баланди сармоягузориро муҳайё месозад. Сарчашмаҳои иттилоот маводи шуъбаи молиявӣ-иқтисодӣ, ҳисобдорӣ, шуъбаи маркетингӣ ва воҳидҳои истеҳсолии корхонаҳо мебошанд. Ин шуъбаҳо ҳисобот ва гузоришҳои ҳисобдорӣ, маводи аудит ва ревизия, таҳқиқоти маркетингӣ, нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва маълумоти омориро пешниҳод менамоянд. Дар асоси ин маълумот таҳлил, таҳияи каталоги омилҳои хавфу хатар, ҷудо намудани хавфҳои суғуртавӣ ва ғайрисуғуртавӣ амалӣ карда мешаванд.

Ҳангоми сохтани система, идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхона истифодаи усулҳои сохторӣ, ташкилӣ ва раванди функсионалиро тақозо мекунад, ки он бо дарназардошти сатҳи хавфу хатарҳо, чораҳо оид ба идоракунии хатарҳо, фаъолиятҳои асосии идоракунии хатарҳо, раванди идоракунӣ ва сохторҳои ташкилии идоракунии хавфҳо ва функсияҳои онҳоро талаб мекунанд.

Яке аз объектҳои идоракунӣ ва ҳамзамон воситаи он сохтори корхонаи кишоварзӣ мебошад. Сохтори ташкилии дуруст интихобшуда, тағйирёбии саривақтии он мутобиқ ба омилҳои тағйирёбандаи дохилӣ ва берунӣ шартҳои ҳатмии татбиқи пурраи стратегия ва тактикаи худ барои идоракунии хавфу хатарҳо, фаъолияти самараноки корхона дар замони ҳозира ва дар оянда мебошад. Норасоиҳо дар сохторҳои ташкилӣ метавонанд боиси ба вуҷуд омадани ҳолатҳои буҳронӣ, ҳатто дар корхонаҳои азим низ гардад. Бинобар ин, интихоби сохтори ташкилӣ, ки беҳбудии омилҳои дохилӣ ва берунии фаъолияти корхонаҳои кишоварзиро муайян менамояд, ҳадафи стратегӣ мебошад. Навъи сохторҳои ташкилӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ метавонанд гуногун бошанд (функсионалӣ, хаттӣ, матритсагӣ ва ғайраҳо). Ҳар як намуди сохторҳои ташкилӣ дорои афзалиятҳо ва нуқсонҳо мебошад, ки бояд онҳо ҳангоми интихоби сохтори оптималии ташкилот, идоракунии хавфу хатари сармоягузорӣ, ки ба шароитҳои мушаххаси бозор мувофиқанд, ба назар гирифта шаванд. Сохтори ташкилӣ барои таъмини дурусти ташкили корҳои роҳбарон ва шуъбаҳои он, татбиқи бомуваффақияти тамоми вазифаҳои идоракунӣ ва ниҳоят ба даст овардани ҳадафҳое, ки идоракунии хавфу хатарҳо пешбинӣ шудааст, зарур мебошад.

Бо дарназардошти он, ки дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ шумораи зиёди хоҷагиҳои мустақил мавҷуданд бинобар ин, мустақилона аз уҳдаи бартараф намудани хавфу хатари сармоягузорӣ, ки дорои хусусиятҳои умумӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ мебошад, баромада наметавонанд.

Аз ин рӯ, ба андешаи мо дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъсиси сохтори махсуси марказонидашуда идоракунии КАС-и лозим аст.

Тавре ки дар боло қайд намудем, сохтори ташкилии ҳамгиро дар чаҳорчӯбаи ноҳияҳои кишоварзии мамлакат ба хоҷагиҳо имкон медиҳад, ки қарорҳои қавии сармоягузорӣ қабул намуда, бо кумаки онҳо машварат ва ҳамкориро низ ба роҳ монанд. Дар асоси таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ, шаклҳои асосии ташкилии сохторӣ ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд [1,с.71]:

- сохторҳои ташкилии классикӣ (анъанавӣ);
- сохторҳои ташкилии мутобиқатӣ.

Аксарияти олимон сохторҳои мутобиқшавиро ҳамчун сохторҳое мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, ки муваққатан ва ё ба таври доимӣ барои ҳаллу фасли ин ё он вазифаҳои иловагӣ (дар айни ҳол муваққатӣ) асосан аз ҳисоби худсуғуртакунӣ ташкил шудаанд. Ин сохторҳо имкон медиҳанд, ки онҳо зудамал бошанд ва ба шароитҳои тағйирёбанда қисман мутобиқ шаванд [3,с.17]. Аммо аксари худсуғуртакуниҳо ҷуброни хавфу хатарҳои калонро таъмин карда наметавонанд. Ба ақидаи мо сохтори махсуси марказонидашуда дар назди идоракунӣ хавфу хатарҳои сармоягузорӣ бояд сохтори модарӣ (асосӣ) бошад [5,с.17]. Сохтори модарӣ дар ҳамкории мутақобилаи амудии шуъбаҳои корӣ бо самтҳои уфуқӣ дар атрофи метод ва усулҳои асосии раванди идоракунии хавфу хатарҳо асос ёфтааст. Дар ин ҷо арзёбии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ, дурнамои инкишоф, чорабиҳои пешгирикунанда, худсуғуртакунӣ, суғурта, назорат ва мониторинги хавфҳои интегралӣ ва ғайра дар назар дошта шудааст. Ин ба мутобиқшавӣ ба тағйироти гуногун мусоидат намуда, имкон медиҳад, ки он бо усулҳои гуногуни идоракунии хавфҳо истифода шавад.

Пас аз муайян намудани маҷмӯъ ва конфигуратсияи хавфу хатарҳои сармоягузорӣ, ки онҳоро сохтори ташкилии марказӣ бояд идора намояд, метавон ба ташкилдиҳии шуъбаҳо оғоз намуд. Сохтор ва ҳайати кадрҳо аз ҳолатҳои гуногун, аз ҷумла марҳилаи инкишофи ташкилии хавфу хатарҳои соҳавӣ, шумораи кормандон дар корхона, хусусиятҳои технологӣ ва ҷуғрофии хизматрасонӣ, иқтидори молиявии соҳибкории кишоварзӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои корхонаҳо, стратегияи идоракунии умумии КАС ва стратегияи ҳимоя аз хавфу хатарҳо, инчунин ҳамаи ин ҳолатҳо, аз шумораи корҳое, ки ба сохтори мутамаркази ташкилӣ дохил мешаванд, вобаста аст. Дар сохтор бояд алоқаи бозгашт дар байни хоҷагиҳои гуногун ва корхонаҳои инфрасохторӣ пешбинӣ шуда бошад, аз ҷумла департаменти идоракунии хавфу хатар бояд вазифаҳои худро барои корхонаҳои гуногуни кишоварзӣ бо мақсади танзими якчанд нишондиҳандаҳо ва мониторинги амалиётҳои равандҳои дар корхонаҳое, ки ба хусусият ва сохтори сармоягузориҳои ҳамроҳ таъсир мерасонанд, вогузор намояд.




**Расм- Сохтори ташкилии низоми идоракунии хавфу хатари сармоягузорӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ**

Дар кишварҳои Ғарбӣ, идоракунии хавфу хатарҳо ҳамчун системаи консепсияҳо ва фанҳо таҳия гардидааст, ки ҳадафи он муҳофизат намудани оқибатҳои манфии молиявӣ, ҳодисаҳои ғайричашмдошт ва ҳолатҳои ногуворе, ки дар ҷараёни соҳибкорӣ пайдо мешаванд, мебошад [2,с.233]. Дар амалияи ин мамлакатҳо, аксари масъалаҳоро менеҷер оид ба хавфу хатарҳо дар якҷоягӣ шахсони зерин ҳаллу фасл менамояд:

- бо мутахассисони шуъбаи маркетинг;
- бо роҳбарони масъул оид ба интихоби ҳайати кормандон;
- бо муҳандис оид ба техникаи бехатарӣ;
-бо роҳбари хадамоти амниятӣ ва ғайраҳо;
- бо намояндаи институти лоиҳакашӣ;
- бо сармоягузорони бонки тиҷоратӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ ва ғайраҳо.

Сохтори ташкилии идоракунии хавфу хатарҳо бояд чунин сохта шавад, ки оптимизатсияи сатҳи хавфу хатарҳоро таъмин карда, системаи интихоби методҳои оптимизатсияи хавфҳоро бунёд карда тавонад. Усулҳои оптимизатсияи хавфу хатарҳоро ба ду қисм ҷудо кардан мумкин аст:

- усулҳои профилактикии пешгирикунанда, то ҳадди имконпазир будани пайдоиши ҳодисаи манфӣ, номатлуб ё кам намудани зарари он;
- ҷубронпулӣ - беҳбуди низоми ҷубронпулӣ барои хавфу хатарҳо дар ҳолати пайдоиши он.

Интихоби ин ё он усул дар аксар ҳолатҳо на танҳо таъсири хавфу хатарҳои мушаххас, балки маҷмӯи хавфу хатарҳое, ки дар робита ба онҳо зарурати объективии ташкили департаменти хавф-менеҷмент ба миён меояд муайян мекунад ва он имконияти муайянкунии арзёбии хавфу хатарҳоеро, ки корхонаҳо дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ аксаран бо онҳо рӯ ба рӯ мебошанд, муҳайё месозад.

Вазифаҳои марбут ба идоракунии хавфу хатарҳо мундариҷаи раванди идоракуниро пешбини намуда, ба омилҳои зерин ишора мекунанд:

1.Таҳияи сиёсати корӣ дар соҳаи идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ;

2.Таҳлили вазъияти хавфу хатар, муайян намудани омилҳои хавф ва арзёбии сатҳи эҳтимолии он, пешгӯии рафтори субъектҳои хоҷагидорӣ дар ин ҳолат;

3.Таҳияи усулҳои алтернативӣ ва интихоби шахсони аз ҳама мувофиқ ва қонунӣ;

4. Муайян намудани роҳу воситаҳои мавҷудаи кам намудани хавфу хатар;

5.Омода ва банақшагирии чораҳо оид ба безарарсозӣ, ҷуброни оқибатҳои манфии хавфу хатар.

Аксар вақт масъалаҳои марбут ба идоракунии хавфу хатарҳоро, яке аз муовинони роҳбари мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллии давлатӣ назорат менамояд. Дар чаҳорчӯбаи департаменти идоракунии хавфу хатар ҷудо намудани самтҳои алоҳидаи зерин, аз ҷумла шуъбаи иттилоотию аналитикӣ, шуъбаи банақшагирӣ ва идоракунии хавфу хатарҳо, шуъбаи назорат ва мониторинг ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар сохтори мутамарказии ташкилӣ, илова бар гурӯҳҳои мушаххаси хавфу хатарҳо бахши иловагӣ низ метавонад таъсис ёбад. Илова бар ин, корхона метавонад шомили суғуртаи дохилӣ ва хизатрасонии бенифитсиар (ҳифзи иҷтимоӣ)-и кормандони ташкилот ва хоҷагиҳо шавад [6].

Роҳбар ва ҳайати роҳбарикунанда иҷрокунандаи амалиёти асосии ҳаррӯза буда, ба риояи қонунҳо ва қоидаҳо ва ба низоми самараноки назорати дохилӣ такя менамоянд. Идоракунии хавфу хатарҳоро бояд роҳбарони хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС бо иттилооти лозима барои иҷроиши фаъолияти сармоягузорӣ анҷом диҳанд. Илова бар ин, мутахассисони ташкилоти мутамарказ бояд мутаххасисони худро барои пайдо намудани идеяҳои нави инноватсионӣ ва таҳияи тавсияҳо истифода намоянд. Роҳбарони ташкилоти мутамарказ ҳамчун шахси масъул бобати идоракунии корхона барои анҷом додани мониторинги доимии равандҳо, ки дар дохили КАС ва берун аз он сурат мегиранд, бояд ҳавасманд бошанд. Вай инчунин бояд мавҷудияти системаҳои муносиби иттилоотии идоракунӣ, шафофият, саривақтӣ будан, дақиқӣ ва пуррагардонии иттилоотро таъмин намояд.

Вазифаҳои мутахассионе, ки дар корхонаи мутамарказонида доир ба идоракунии хавфу хатарҳои КАС кор мекунанд, аз инҳо иборат аст:

- таҳия ва пешниҳод намудани нақшаи стратегӣ ва усули идоракунии хавфу хатарҳо ва барои тасдиқ ба шӯрои ташкилии ассотсиатсияи хоҷагиҳои фермерӣ;
- ба анҷом расонидани нақшаи стратегӣ ва методикае, ки аз тарафи шӯро ва ассосатсияи корхонаҳо ва соҳибкорони соҳаи КАС тасдиқ карда шудааст;

- таҳия ва таъмини дастурамал доир ба истифодаи усулҳо, равандҳо ва стандартҳои идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ барои соҳаҳои гуногуни КАС ва корхонаҳои кишоварзӣ;

- таъмин ва амалӣ намудани назорат ҷиҳати риояи меъёрҳои муайяншудаи хавфу хатарҳои гуногун;

- доштани маълумот ва далелҳои фаврӣ оид ба риоя накардани ин меъёрҳо;

- таъмин намудани аудиторон ҷиҳати таҳлил ва баҳодиҳии мутобиқати усулҳои назорат, риояи меъёру тартиботҳо;

- таҳия ва истифодаи системаи идоркунии ҳисоботҳое, ки хавфу хатарҳои корӣ ва сармоягузориро ба таври муносиб инъикос менамоянд [4,с112].

Ба масъулияти корхонаи мутамарказонидашуда доир ба идоракунии хавфу хатарҳои КАС корҳои зерин дохил мешаванд:

- кӯмак ба ҳамаи хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС дар тарҳрезӣ, харидорӣ ва нигоҳдории иҷрои лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои барномаҳои ҳифз ва пешгирӣ намудани талафот;

- ташхиси лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ ва инноватсионӣ бо мақсади ҷорӣ намудани тадбирҳо оид ба муҳофизати онҳо аз хавфу хатар ва беҳтар намудани ҷузъҳои суғуртаи зарурӣ, инчунин санҷиши ҷойҳои сохтмон ва анҷоми биноҳо;

- мувофиқшавии суғуртакунанда бо шартҳои полиси суғурта (маҷмӯи хавфу хатарҳои суғурта, миқдори тарифҳо ва ғайра) мутобиқи манфиатҳои умумии ташкилот;

- омӯзиши барномаҳои суғуртавии хориҷӣ;

- омӯзиш ва аз қайд гузаронидани бандҳои суғуртавии ҳамаи қарордодҳои корхонаҳо то ба имзо расонидани онҳо;

- муайян намудани даъво ба талафот ва таҳияи гузоришҳои дахлдор;

- кӯмак намудан барои баҳисобгирии ҳамаи корхонаҳои КАС дар муайян кардани арзиши суғурта ва ғайра.

Ҳамин тариқ метавон хулоса намуд, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои муайян, кормандони корхонаҳои мутамарказонидашуда доир ба идоракунии хавфу хатарҳои КАС бояд дар ҷамъоварии иттилоот, шиносоӣ ва таҳлили хавфу хатарҳо, инчунин ба таври ҳамоҳангшуда амалӣ намудани чорабиниҳо доир ба идоракунии хавфу хатарҳо кумак намоянд.

## АДАБИЁТ


1. Балабанов И.Т., Балабанов А.И. Страхование. - СПб: Питер, 2001.- С.233.
2. Веснин В.Р. Менеджмент в вопросах и ответах -М.: Элит,2000.-С.109.
3. Глухов В.В. Менеджмент-СПб: Питер, 2008. - С.71.
4. Балабанов И.Т., Балабанов А.И. Страхование. - СПб: Питер, 2001. -С.233.
5. Виханский О.С., Наумов А.И. Менеджмент - М.: Гардарики, 1999.
6. Дафт Ричард Л. Менеджмент - СПб.: Питер, 2007. -С.167.
7. Саидмуродов Ш.М. Такмили методҳои паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ// -Душанбе, 2019. - С. 112.
8. Саидмуродов Ш.М. // Такмили методҳои паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ/ автореферати дисс- Душанбе, 2018. - С.17.
9. Kolish, F. (1992). Services provided by risk management consultants, pp. 137-143.In Using Consultants In Libraries. And Information Centers. Greenwood Press.


## АННОТАЦИЯ
## МЕХАНИЗМЫ УПРАВЛЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННЫМ РИСКОМ В СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ


Автор в своей статье анализирует механизмы управления рисками инвестиций на сельскохозяйственных предприятиях. Автор отметил, что на сельскохозяйственных предприятиях должны быть созданы необходимые рамки для опасностей и мер по их управлению. Использование общего концептуального подхода управления рисками, сбора и анализа необходимой информации и внедрение такой системы, связанной с рисками, не только устраняет или компенсирует ее потенциальные негативные последствия, но и обеспечивает высокую окупаемость инвестиций.



***Ключевые слова:*** *управление, риск, инвестиции, предприятие, механизм, сельское хозяйство, неопределенность, анализ, вероятность, информация, производство, сельскохозяйственная продукция.*


## ANNOTATION
## MECHANISMS FOR THE MANAGENENT OF INVESTMENT RISKS IN AGRICULTURAL ENTERPRISES


The author in his article, analyzes the mechanisms for the risk management of investment rick in agricultural enterprises. The author noted that the necessary framework for hazards

and measures for their management should be established in agricultural enterprises. The use of a general conceptual approach of management risk, collection and analysis of the necessary information from the implementation of such a risk-based system not only eliminates or compensates for its potential negative consequences, but also provides a high return on investment.
***Key words:*** *management, risk, investment, enterprise, mechanism, agriculture, uncertainty, analysis, probability, information, production, agricultural products.*